**Протоколи иловагӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва дахолати иштироки кӯдак дар низоҳои мусаллаҳона**

Давлат-иштирокчии Протоколи мазкур дар дастгирии ҳамагунаи Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак рӯҳбаланд буда, шоҳидии худро оид ба тайёрӣ дар хизмати паҳнкунии васеъи кор ӯ рӯҳбаландӣ ва муҳофизати ҳуқуқи кӯдак медиҳад, боз аниқи он ки ҳуқуқи кӯдакон ба муҳофизати махсус имтиёз доранд, барои хуб кардани шароити ҳамавақтаи кӯдакон, ки ягон фарқият надоранд ва инчунин инкишоф ва маълумоти онҳо дар шароити сулҳ ва амният муҳаё кардан, ба таъсири фалокатовар ва миқёси андозаи ихтилофи мусаллаҳона ба кӯдак, инчунин барои натиҷаҳои дарозмуддат барои сулҳи мустаҳкам, амният ва инкишоф ташвишовар буда, танқиди пайгирии кӯдакон дар шароити ихтилофи мусаллаҳона, инчунин ҳамлаоварии бевосита ба обектҳое, ки мувофиқи ҳуқуқи байналмилалӣ муҳофизат карда мешаванд, дар ҷойҳое, ки умуман иштироки зиёди кӯдакон дида мешавад, ин ҳам бошад, мактабҳо ва беморхонаҳо, вазъияти байналмилалии суди ҷиноятиро изҳор карда, махсусан ихтисосоро дар он ки сифати амали ҷиноятҳои ҳарбӣ пайваста бо даъват ба хизмати ҳарбӣ ё ба ҳолати ҳарбӣ гузаронидани кӯдакони синни 15 нарасида, ё ин ки истифодаи фаъолияти онҳо дар амалиётҳои ҷангӣ дар доираи чи байналмилалӣ чи ғайри байналмилалии ихтилофи мусаллаҳона дошта, қайд карда, ҳамин хел чи бо мақсади амали таъсирбахши иҷроиши ҳуқуқ, ки дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак эътироф шудааст, зарур аст, ки муҳофизати кӯдаконро дар иштироки ихтилофоти мусаллаҳона пурзӯр кард: моддаи 1-и Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак онро ба назар мегирад, ки барои мақсади ин Конвенсия ҳар як фарди инсоние, ки то ба синни 18 сола расидан, агар аз рӯи қонун ба кӯдаки мазкур, ки ба балоғат нарасидааст қайд мекунад, дар оянда боварӣ бар он доранд, ки Протоколи факултативии Конвенсия баландбардории имконияти синни шахси даъватшавандаро ба қувваҳои мусаллаҳ ва иштироки вай дар амалиётҳои ҷангӣ, бо усули таъсирбахш барои омода гардонидани шартҳо мусоидат мекунад, ҳамаи амалҳое, ки ба кӯдакон тааллуқ доранд, диққати аввалиндараҷа бояд барои ташкили хуби хоҳишҳои кӯдак равона карда шавад, қайд мешавад, ки 26-ум конференсияи байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, ки декабри 1995 баргузор гардид, пеш нигоҳ кард, махсусан ба тарафҳои ихтилофот дошта, тамоми роҳҳои ҷойдоштаро бо мақсади муҳаё сохтани он ки кӯдакони ба синни 18-сола нарасида дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок накунанд, якдигарфаҳмӣ хуш қабул карда дар моҳи июни 1999 сол дар Конвенсияи байналмилалии ташкили меҳнат № 182 оид ба манъ ва чораҳои фаврӣ оид ба решакан кардани шакли баъди меҳнати кӯдакон, ки умуман манъ мекунанд, маҷбурӣ ё ҳатман ҷалби кӯдакон барои истифодаи онҳо дар ихтилофоти мусаллаҳона, ҷалби безобитаи таълим ва истифода дар дохили давлат ва берун аз марзи он кӯдаконро дар амалиётҳои ҷангӣ гурӯҳҳои мусаллаҳ аз давлатҳои мусаллаҳи худ ва изҳори масъулиятнокии онҳое, ки ҷалб, таъмин ва истифодаи кӯдаконро бо ин мақсад доранд, маҳкум карда, оид ба вазифадории ҳар як тарафи ихтилофоти

мусаллаҳонадошта ҳолати ҳуқуқи гуманитарии байналмилалиро риоя карда, қайд карда мешавад, ки Протоколи мазкур бо мақсад ва шартҳо ягон зарар намеорад, ки дар Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид омадааст ва дар моддаи 51 илова кардан ва меъёрҳои муносиби ҳуқуқҳои гуманитариро ба назар гирифта, шароити ҷаҳонӣ ва бехатари ӯ, ки дар асоси ҳурмати мақсадҳо ва принсипҳо дар Низомнома омода ва иҷрои шартномаҳои истифодашуда дар соҳаи ҳуқуқи инсонӣ, шартҳои истифоданабаранда буда, барои муҳофизати пурраи кӯдакон, махсусан дар вақти ихтилофоти мусаллаҳона ва забти хориҷӣ, талаботҳои мухсуси кӯдаконро, ки асосан бо назардошти ҷалби онҳо ва истифода дар амалиётҳои ҷангӣ бар зидди Протоколи мазкур таҳқиршуда мебошад, алоқа ва амволи иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо ё ҷинсият ба назар гирифта, оид ба назар гирифтани зарурати сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии иштироки кӯдакон дар ихтилофоти мусаллаҳонаро ёдовар шуда, дар оянда барои зарурати мустаҳкамии ҳамкориҳои байнамилалӣ дар амалигардонии Протоколи мазкур, инчунин дар офияти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва якҷояшавии иҷтимоиёти кӯдоконе, ки қурбонии ихтилофоти мусаллаҳона мебошанд, дастгирии иштироки ҷамъият, махсусан кӯдакон ва он кӯдаконе, ки қурбонӣ дар паҳнкунии маълумотҳо ва барномаҳои маориф, ки ба Протоколи мазкур тааллуқ доранд, оид ба гуфтаҳои поён маслиҳат карданд:

**Моддаи 1.**

Давлат-иштирокчӣ тамоми чораҳои заруриро барои таъмини он ки хизматчиёни ҳарбӣ ва қувваҳои мусаллаҳи онҳо, ки синни 18-соларо пур накардаанд, барои иштирок накардан дар амалиётҳои ҷангӣ қабул кунанд.

**Моддаи 2.**

Давлат-иштирокчи шахсони ба синни 18-сола нарасидаро ба даъвати зарурӣ дар қувваҳои мусаллаҳи худ даркор нест, таъмин кунанд.

**Моддаи 3.**

1. Давлат-иштирокчӣ синни камтарини шахсони бо хоҳиши худ даъватшударо ба қувваҳои мусаллаҳи миллии худ бо баробарии синни онҳо, ки дар банди 3-и моддаи 38-и Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак, принсипҳоро ба назар гирифта, ки дар ин модда шахсони ба Конвенсия муносиб, ба синни 18 нарасида, ба муҳофизати махсус ҳуқуқ доранд.
2. Ҳар як давлат-иштирокчӣ дар тасдиқи Протоколи мазкур якҷояшавӣ ба он аризаи зарурии характердорро ба нигаҳдорӣ месупорад, ки дар он омадааст, синни миёнае, ки барои даъват бо хоҳиши худ ба қувваҳои мусаллаҳи Миллӣ ва кафолатҳо оиди қабули давлат барои таъмини он ки чунин даъватро маҷбур ё характери паст задании иззати нафс пешниҳод мекунад.
3. Давлат-иштирокчӣ даъватро бо хоҳиши худ иҷозат медиҳад ба қувваҳои мусаллаҳи Миллӣ шахсонеро, ки синни 18-солагиро пур накардаанд, кафолат пешниҳод мекунанд, ки камаш таъмини онро:

а) чунин даъват ҳақиқатан бо хоҳиши худ бошад;

б) чунин даъват аз тарафи падару модар ё шахсони масъули даъватшаванда розигии ҳақиқӣ дошта бошад;

в) чунин шахсон оид ба вазифаҳои худ, ки бо хизмати ҳарбӣ пайваста мешаванд, маълумот дода мешаванд;

г) чунин шахсон шаҳодатномаи ҳақиқиро, ки оид ба синни вай то қабули хизмати ҳарбии Миллӣ пешниҳод мекунанд.

4. Ҳар як давлат-иштирокчӣ ҳар лаҳза метавонад мавқеи арзи худро, бо роҳи равонакунии огоҳиномаи муносиб ба суроғаи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид, ки ҳамаи давлат-иштирокчӣ маълумот медиҳанд, мустаҳкам кунад. Чунин огоҳинома аз рӯзи қабули Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид эътибор пайдо мекунад.

5. Талабот оид ба зиёд кардани синну сол, ки дар банди 1-и моддаи мазкур омадааст, дар Созмонҳои илмӣ паҳн намешаванд, ки таҳти назорати қувваҳои мусаллаҳи давлат-иштирокчиён мутобиқи моддаҳои 28 ва 29-и Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ҳаст.

**Моддаи 4.**

1. Гурӯҳҳои мусаллаҳ, ки аз қувваҳои мусаллаҳи давлати хубтар ҳастанд, бе ягон асно набояд ҷалб ё ин ки дар амалиётҳои ҷангӣ шахсони ба синни 18-сола нарасидаро истифода баранд.

2. Давлат-иштирокчиёни ҳамаи чораҳои заруриро бо мақсади хабаррасонии чунин ҷалб ва истифода, инчунин чораҳои ҳуқуқии қабулшуда, ки барои зарурат рад ва чунин амал криминалӣ қабул мекунанд.

3. Истифодаи ин модда дар Протоколи мазкур буда, ба вазъияти юридикии ягон тарафи ихтилофоти мусаллаҳона дахолат намекунад.

**Моддаи 5.**

Ҳеҷ чиз дар Протоколи мазкур наметавонад чун ҳолати радшаванда дар қонунбарории давлат-иштирокчӣ ва ё дар шартномаҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалии гуманитарии дохилшуда, ки асосан дар барқароршавии ҳуқуқи кӯдак саҳмгузор аст, маънидод карда мешавад.

**Моддаи 6.**

1. Ҳар як давлат-иштирокчӣ дар чорчбаи юрисдиксияи худ тамоми чораҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва дигар чораҳои заруриро барои таъмини амали таъсирбахш ва истифодаи ҳолати Протоколи мазкур қабул мекунанд.

2. Давлат-иштирокчӣ ӯҳдадор аст, ки паҳнкунӣ ва тарғиботи васеъро бо воситаи принсипҳои муносиб ва ҳолати Протоколи мазкур байни кӯдакон ва калонсолон ба роҳ монад.

3. Давлат-иштирокчиён тамоми чораҳоро барои мӯҳаёи он ки шахсони дар зери юрисдиксияи онҳо бударо ҷалб ё истифода бурда дар амалиётҳои ҷангӣ бар зидди Протоколи мазкур сафарбар кардан ва ё бо роҳи дигар аз хизмати ҳарбӣ озод кунанд, меандешад. Дар зарурат Давлат-иштирокчиён ба

ин шахсон тамоми ёриҳои талабшударо бо мақсади психологӣ мерасонанд, инчунин якҷоякунии иҷтимоиёти онҳоро амалӣ мегардонанд.

**Моддаи 7.**

1. Давлат-иштирокчиён барои амалӣ гардонидан дар корҳои Протоколи мазкур, инчунин дар кори огоҳикунонии ягон фаъолият, ки ба инкори Протоколи мазкур ва дар кори барқароркунӣ ва якҷоякунии иҷтимоии шахсоне, ки қурбони амалиётҳо шудаанд, ки зидди Протоколи мазкур мебошанд, инчунин бо роҳи ҳамкориҳои техникӣ ва ёрии молиявӣ, саъй мекунанд. Чунин ёриҳо ва ҳамкориҳо бо роҳи маслиҳатҳо бо Давлат-иштирокчиёни ҷалбшаванда ва бо Созмонҳои байналмилалӣ муносиб баргузор мегардад.
2. Давлат-иштирокчиёне, ки қобили амалӣ гаронидани онро доранд, чунин ёриро дар чорчубаи барномаҳои дутарафа, чандтарафа ва дигар буда, ё ин ки махсусан бо миёнаравии фонди ҳаққиаъзогии ихтиёрӣ, ки бо қоидаҳои Ассамблеяи Генералӣ мутобиқанд, ташкил мекунанд.

**Моддаи 8.**

1. Ҳар як Давлат-иштирокчиён баъди ду соли ба эътибор даромадани Протоколи мазкур барои ин Давлат-иштирокчиён маърӯза ба Комитет оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки маълумотҳоро ҳамаҷониба оид ба чораҳо дар бар мегирад, инчунин чораҳоро бо мақсади амалӣ гардонидани ҳолате, ки ба иштирок ва даъват тааллуқ доранд, дар бар мегиранд, пешкаш мекунанд.
2. Баъди маърӯзаи ҳамаҷониба ҳар як Давлат-иштирокчиён ба маърӯзаҳояшон, ки ба Комитет оид ба ҳуқуқи кӯдакон мутобиқи моддаи 44 Конвенсия пешкаш кардаанд, ҳама гуна маълумоти иловагиро, ки ба амалӣ гардонии Протоколи мазкур дахл доранд, илова мекунанд.
3. Комитет оид ба ҳуқуқҳои кӯдак аз Давлат-иштирокчиён маълумоти иловагиро, ки ба амалӣ гардонидани Протоколи мазкур дахл доранд, метавонад талаб кунад.

**Моддаи 9.**

1. Протоколи мазкур барои ҳар як давлати имзогузоранда кушода аст, ки Созишнома тасдиқ ва ё якҷояшавии онро имзо гузоштаанд.
2. Протоколи мазкур барои якҷояшавии ҳар як давлате, ки Созишнома ва якҷояшавии тасдиқиро барои нигоҳдорӣ ҷонибдорӣ кардааст, ба Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид дода мешавад.
3. Котиби Генералӣ дар сифати депозитарияи Конвенсия ва Протоколи мазкур, ба давлат-иштирокчёни Конвенсия ва ҳамаи давлатҳое, ки аҳдномаро имзо гузоштаанд, барои нигаҳдории ҳар як санади тасдиқшуда ё ҳуҷҷати якҷояшавии супорида мутобиқи моддаи 13, амал мекунад.

**Моддаи 10.**

1. Протоколи мазкур баъди се моҳи нигаҳдории (депонирование) он дар назди Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид, ки даҳум Санади тасдиқӣ ё ин ки даҳум ҳуҷҷат оид ба якҷояшавист, эътироф пайдо мекунад.

2. Барои ҳар як давлате, ки тасдиқ ва ё якҷояшавии Протоколи мазкурро ба он баъди эътироф пайдо мекунад, ки Протоколи мазкур баъди се моҳи нигаҳдории он ва санади тасдиқӣ ё ҳуҷҷати якҷояшавӣ эътироф пайдо мекунад.

**Моддаи 11.**

1. Ҳар як давлат-иштирокчиён метавонад дар ҳолати зарурат Протоколи мазкурро бо роҳи огоҳиномаи хаттӣ ба номи Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид, ки баъдан ба дигар Давлат-иштирокчиён Конвенсия ва дигар давлатҳо маълумот медиҳанд. Бекоркунӣ баъди 1 сол аз рӯзи қабули огоҳиномаи хаттӣ ба Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид эътибор пайдо мекунад. Агар дар рӯзи тамом шудани бекоркунӣ дар Давлат-иштирокчиён ихтилофоти мусаллаҳона ҷой дошта бошад, бекоркунӣ то ба охир расидани ин ихтилофоти мусаллаҳона эътибори худро пайдо мекунанд.

2. Чунин бекоркунӣ Давлат-иштирокчиёнро аз вазифаҳои худ озод намекунанд, ки дар Протоколи мазкур омадааст ба ҳама гуна амалҳо, ки то рӯзи ба эътибор омадани бекоркунӣ пеши роҳи ҳалли ҳама гуна масъалаҳое, ки барои аз назаргузаронӣ ба Комитет омадаанд, то рӯзи қабули бекоркуниро намегиранд.

**Моддаи 12.**

1. Ҳар як давлат-иштирокчӣ метавонад ба Протоколи мазкур иловаҳои худро ба Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод кунад. Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид ҳар як иловаҳои пешниҳодшударо ба давлат-иштирокчиён мефиристад, бо хоҳише, ки ба вай оид ба ҳамовоз шудан барои даъвати Конференсияи давлат-иштирокчиён бо мақсади муоинакунии масъалаи мазкур ва барои он овоздиҳӣ хабар диҳанд. Агар барои даъвати Конференсия аз се як ҳиссаи давлат-иштирокчиён овоз диҳанд, Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид ин Конференсияро дар зери ҳимояи Созмони Милали Муттаҳид даъват мекунад. Ҳар як иловае, ки дар овоздиҳӣ аз тарафи давлат-иштирокчӣ, ки дар овоздиҳии ин Конференсия иштирок дорад, ба Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад, агар миқдори зиёди овозҳоро гирад.

2. Иловаҳо баъди тасдиқ аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид ва қабули зиёдтари давлат-иштирокчии Протоколи мазкур мутобиқи тартиби Конститутсияи онҳо эътибори худро пайдо мекунад.

3. Вақте ки иловаҳо эътибори худро пайдо мекунанд, онҳо барои давлат-иштирокчиёне, ки онҳоро қабул кардаанд, ҳатмианд, лекин барои дигар давлат-иштирокчиёни Протоколи мазкур бо иловаҳои аз тарафи онҳо қабулшуда ҳатмианд.

**Моддаи 13.**

Протоколи мазкур, ки матнҳояш бо забонҳои инглисӣ, арабӣ, испанӣ, инчунин, русӣ ва фаронсавӣ, ки саҳеҳанд, барои нигаҳдорӣ ба бойгонии Созмони Милали Муттаҳид супорида мешавад.